**Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA012 дар назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (734061, ш.Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ 1/2 )**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Давлатов Насимҷон Сайдаҳтамович дар мавзуи «Ташаккул ва рушди фазои мусоиди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.06 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) пешниҳод шудааст**

Диссертатсияи Давлатов Н.С. таҳти унвони «Ташаккул ва рушди фазои мусоиди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба яке аз самтҳои дорои аҳаммияти хоса - такмили соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши муҳими иқтисодиёти миллӣ бахшида шудааст.

Мавзуи таҳқиқот на танҳо ҷиҳати қонеъ сохтани соҳибкорони дохилӣ балки ниёзҳои ҳаррӯзаи аҳолӣ, ҳамчун нишондиҳандаҳои сатҳу сифати зиндагии аҳолиро таъмин намудан ба молу маҳсулоти истеҳсолкардаихуд ва имкониятҳои рушди иқтисодиёт аҳаммияти назариявию амалиро доро мебошад.

Рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар шароити муосир ба унвони омили муҳимми ташаккул ва аҳамияти фазои мусоиди соҳибкорӣ дар таъмини иҷтимоии устувор, таъминкунандаи ҷойҳои корӣ, мусоидаткунанда ба рушди соҳибкории хурду миёна ва баланд бардоштани рақобатпазирии молу маҳсулоти ниёзи аҳолӣ дар иқтисоди миллӣ шинохта мешавад.

Дар ин замина, таҳлилу арзёбии ташаккули асосҳои институтсионалии рушди бахши хусусӣ нишон медиҳад, ки дар се марҳала, яъне аз соли 1991 то соли 2006 (давраи фароҳамсозии асосҳои иқтисоди бозорӣ) ва солҳои 2006-2015, инчунин, 2016-то ба ҳол асосҳои институтсионалии рушди бахши хусусӣ фароҳам карда шудааст. Дар баробари ин, мувофиқи мақсад аст, ки ислоҳотҳои амалишаванда то ба нуқтаи ниҳоии самаранокӣ расонида шавад.

Муаллиф дар автореферат бо далелҳои оморӣ ва таҳлилҳои мукаммал нишон додааст, ки вобаста ба ин дар «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030» аз рӯйи тамоми сарчашмаҳо дар умум маблағгузорӣ беш аз 118,1 млрд. доллари ИМА-ро ташкил медиҳад, ки ба бахши хусусӣ 54,7 млрд. доллари ИМА (46,3 фоиз), маблағҳои буҷетӣ 56,1 млрд. доллари ИМА (47,5 фоиз) ва саҳми шарикони рушд 7,3 млрд. доллари ИМА (6,2 фоиз) рост меояд.

Ин нишондод далели возеҳи зарурати ислоҳоти сохторӣ ва ворид намудани усулҳои нави идоракунии фазои мусоиди соҳибкорӣ истифодаи маълумотҳои рақамӣ ва такмили механизми танзими давлатӣ дар бахшҳои хусусӣ мебошад.

Муаллиф дуруст таъкид менамояд, ки рушди минбаъдаи иқтисоди миллӣ бидуни такмил додани фаълолияти соҳибкорӣ ва ворид кардани технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ба ин бахш ғайриимкон мебошад. Ин ҷиҳат зарурати таҳияи модели такмилёфтаи танзими фаъолияти соҳибкорӣ ва татбиқи чораҳои муассирро тақозо мекунад, ки дар кори илмӣ аз тарафи муаллиф мавриди асосноккунии илмӣ ва пешниҳоди тавсияҳои мушаххас қарор гирифтааст.

Дар диссертатсия масъалаҳои назариявӣ ва методологӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ омӯхта ва мутобиқ ба воқеияти рушди иқтисоди миллӣ арзёбӣ шудааст. Муаллиф тавонистааст бо истифода аз таҳлилҳои оморӣ ва моделҳои иқтисодӣ-математикӣ вусъат додани бахши хусусӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ ва нишондиҳандаҳои иқтисодиро нишон диҳад.

Ҳарчанд таҳқиқоти мазкур дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ бошад ҳам, бархе паҳлӯҳои он метавонанд дар оянда боз ҳам мукаммал гарданд. Аз ҷумла:

1. Дар ҷадвали 2 – моҳияти иқтисодии муҳити соҳибкорӣ аз нуқтаи назари олимону коршиносон нишон дода шудааст, мутаассифона андешаи муаллифии таҳқиқотчӣ дар он ворид карда нашудааст.

2. Муаллиф дар автореферат зикр менамояд, ки ҳангоми муайянсозии мафҳуми фазои соҳибкорӣ низ дар адабиёти илмӣ баҳснокии амиқ ба назар мерасанд. Нуктаи назари муаллиф тавзеҳ дода нашудааст.

Ин норасоиҳои ҷузъӣ арзиши илмӣ ва амалӣ доштани диссертатсияро коста намекунанд.

Хулоса автореферати диссертатсияи пешниҳодшудаи муаллиф дар мавзуи «Ташаккул ва рушди фазои мусоиди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» кори илмии анҷомёфта арзёбӣ гардида, дорои натиҷаҳои илмию амалӣ буда ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

Муаллифи диссертатсия Давлатов Насимҷон Сайдаҳтамович сазовори ба даст овардани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.06 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
дотсенти кафедраи технологияҳои рақамӣ-коммуникатсионии
МДТ “ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров” Сайдуллоев У.Ӯ.
Телефон: (+992) 93-506-00-61,
E-mail: saidullaev_umed@mail.ru.

Имзои Сайдуллоев Умедҷон Ӯктамовичро тасдиқ менамоям:

Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” Сайдуллозода З.С.

**Суроғаи донишгоҳ:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1, Тел.: (+992) 342265273. E-mail: rector@hgu.tj.